**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Дар раванди гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ба миёномадани муносибатҳои озоди хоҷагидорӣ дигаргуншавии бозори фармасевтӣ ба амал омад. Васеъ шудани номгӯйи маводҳои доруворӣи ҳам истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ васеъ гардид, ки боиси якбора афзоишёбии талабот ва афзоиши ҳаҷми бозори фармасевтӣ гардид. Дар ин давра сохтори хусусии фармасевтӣ, ки ба талаботи бозор зуд мутобиқ мегардид, ташаккул ёфт. Бахши хусисӣ то имруз дар бозори фармасевтӣ мавқеъи устуворро ишғол менамояд. Дар баробари ин, намояндагони соҳибкории соҳаи фармасевтӣ кӯшиш мекунанд, ки рақобатпазирии худро тавассути кам кардани хароҷот, арзон кардани нархҳо, наздик кардани нуқтаҳои фурӯш ба истеъмолкунанда ва ғ. амалӣ созанд.

Таҷрибаи хориҷии фаъолияти чунин бахшҳо, ба монанди саноати фармасевтӣ ва тиббӣ нишон медиҳад, ки онҳо бидуни танзими давлатии фаъолият рушд карда наметавонанд. Танзими давлатии соҳаи мазкур самтҳои гуногуни фаъолияти ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ, ба монанди иҷозатномадиҳии фаъолият, назорати сифат ва сертификатсияи доруворӣ, назорати нархи гуруҳи алоҳидаи доруворӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Нуқтаҳои дар боло зикргардида талаботи иловагиро ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракуни муайян мекунад.

Бинобар ин, таҳқиқоти Болтуева Р.К., ки ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ равона шудааст, муҳим, саривақтӣ ва рузмарра мебошад.

Болтуева Рухсора Камоловна бо фармоиши ректори ДМТ аз 31-уми мартии соли 2021, №110-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии факултети баҳисобгирию иқтисодии ДМТ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва омор қабул шуда, онро 1 апрели соли 2025 хатм менамояд.

Болтуева Рухсора Камоловна дар кори конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумхуриявӣ ва донишгоҳӣ иштироки фаъолона дошта, вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи худ мақолаҳои илмиро аз фаслҳои асосии диссертатсияаш о̀мода намуда, дар маҷаллаҳои илмии Тоҷикистон ва берун аз он нашр кардааст.

Муаллиф мавзӯи диссертатсияро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳимияти онро асоснок намудааст. Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқот ва ҳал намудани вазифаҳои гузошташудаи ба он

алоқаманд, корҳои илмии назарияви муҳақоқон-иктисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалиро ба таври васеъ истифода будааст.

Унвонҷӯ ҳангоми иҷрои кори илмии худ дараҷаи баланди мустақилиятро дар омӯзиш, ҷамъоварӣ, интихоб ва омӯзиши асарҳои таҳқиқотчиёне, ки доир ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташакул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ таҳқиқот гузаронидаанд, нишон дод. Ӯ дар таҳқиқоти худ натиҷаҳои илмии бадастовардаашро ҳаматарафа таҳлил намуда, шарҳ додааст.

Унвонҷӯ доир ба мавзуи таҳқиқот 10 мақола дар ҳаҷми муаллифии 5,8 ҷ.ч. (аз он ҷумла саҳми муаллиф 4,4 ҷ.ч) аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Диссертатсияи мазкур се бобро ташкил медиҳад, ки дар боби якум, асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ таҳқиқ карда шуда, моҳият, муҳтаво, принсипҳо ва объекти баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ошкор ва арзёбӣ карда шудаанд. Дар боби дуюм, таҳлили ҳолати соҳаи фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, ташкили баҳисобгирии фаъолияти тиҷоратӣ-фурӯшии ширкати фармасевтӣ ва натиҷаҳои он бо истифода аз низоми ҳисобҳо арзёбӣ карда шуда, бунёди ҳисоботи идоракунӣ ва таҳлили сохтори он дар ширкатҳои фармасевтӣ коркард карда шудааст. Дар боби сеюм, мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи бизнес-равандҳои ширкати фармасевтӣ, масъалаҳои тасниф ва ташкили баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ баррасӣ гардида, роҳҳои такмили методикаи баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар доираи низоми ҳисобҳои муҳосибӣ ошкор ва асоснок карда шуда, методикаи баҳогузории фаъолияти бизнес-равандҳо коркард карда шудааст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалӣ ҷиҳати ташкил ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолоти фармасевтӣ ифода меёбад.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххаси муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасӣ гардида, оварда шудаанд.

Ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф вазъи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ таҳлил ва арзёбӣ намуда, роҳҳои такмил ва дурнамои рушди онро таҳия намудааст.

Диссертатсияи анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳаллӣ масъалаҳои назариявии баҳисобгирии

идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ мебошад. Доштани малакаи таҳили иқтисодӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳмияти амалӣ ва имконияти истифода намудани натиҷаҳо аз тарафи корхонаҳои саноати фармасевтӣ аз аҳмияти амалиии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои дар боло қайд кардашударо ба назар гирифта чунин мешуморем, ки унвонҷӯ Болтуева Р.К. вазифаҳои расидан ба мақсади таҳқиқотро бомуваффақият иҷро намудааст. Диссертатсия мантиқан ба анҷом расида, кори илмии мустақилона иҷрошуда буда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамъбасти илман ассоснок кардашуда ва тавсияҳои амалии оид ба мукаммалгардонии методикаи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ равона шудааст.

Дар маҷмуъ, сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «26» июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**

**Президенти**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**Узви вобастаи АМИТ,**
**д.и.и., профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

Имзои д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х-ро тасдиқ менамоям:

**Мудири шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси АМИТ** **Акрамзода Т.С.**

19 марти соли 2024